**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,**
**Амонзода И.Т.**
_______________
«_21_» ___12___ 2022 с.

**Хулосаи**
**ҷаласаи ғайринавбатии Шурои олимони факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон**

Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзуи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст. Мавзуи диссертатсионии Хайруллоев Ф.Н. ба баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар асоси омӯзиш ва таҳияи низоми суғуртакунии хавфҳо бахшида шудааст, ки дар шароити имрӯза муҳим шуморида мешавад.

Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 30.04.2018, №8 рисолаи унвонҷӯй Хайруллоев Ф.Н. дар мавзуи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» таҳти роҳбарии н.и.и,дот. Содиқов Р.Ҳ. тасдиқ карда шудааст.

Рисолаи илмии Хайруллоев Ф.Н. дар мавзуи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 14.12.2022, суратҷаласаи №5 муҳокима гардид.

Мавзуи диссертатсияи илмии Хайруллоев Фаррух Неъматуллоевич дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз 26-уми майи соли 2022, суратмаҷлиси №10 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзуи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионии Хайруллоев Ф.Н. дар мавзуи «Баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ» ба яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аҳамияти зиёди назариявӣ ва амалӣ дорад. Фаъолияти корхонаҳои муосир бо бисёр хатарҳо алоқаманд аст, ки таъсири онҳо дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ махсусан бештар гардид. Сабаби ин он аст, ки номуайянии падидаю равандҳои иқтисодӣ хусусияти умумии иқтисоди бозорӣ буда, зуҳури онҳо ҳам боиси зарар ва ҳам фоида шуда метавонад. Иқтисоди бозорӣ фаъолияти корхонаҳои саноатиро як раванди душвор

пешгӯишаванда мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми таҳияи стратегия ва тактикаи фаъолияти худ корхонаҳои саноатӣ бояд мавҷудияти хавфҳои зиёдеро ба назар гиранд, ки бидуни онҳо фаъолияти самараноки ин корхонаҳо имконнопазир аст. Аз ин рӯ, масъалаҳои баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо ҳангоми татбиқи фаъолияти идоракунӣ молиявӣ, хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳои корхонаҳои саноатӣ хело мубрам мебошанд.

Фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ бо хавфҳои гуногуни дохилӣ ва берунӣ алоқаманд буда, зарурати идоракунии онҳо мубрамияти мавзуи диссертатсияи мазкурро муайян кардааст.

**Мақсади таҳқиқот** асосноккунии назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ-методӣ ва коркардабароии тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмил додани суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ иборат мебошад. Вобаста ба мақсади дар боло қайдшуда, вазифаҳои зерин гузошта ва ҳал карда шудаанд:

- дар заминаи омӯзиши адабиёти гуногун таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ аз рӯи нишонаҳои гуногун, бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ, пешниҳод карда шудааст;
- муайян карда шудааст, ки баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси усулҳои гуногуни миқдорӣ ва сифатӣ ба роҳ монда мешавад. Хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ бо истифода аз усулҳои оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, баҳодиҳии экспертӣ, SWOT-таҳлил баҳогузорӣ карда шудааст;
- дар асоси омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оиди баҳодиҳӣ ва суғуртакунии корхонаҳои саноати бофандагӣ муайян карда шуд, ки дар корхонаҳои миёна ва калони саноати бофандагии ватанӣ ташкил кардани шуъбаи идоракунии хавфҳо манфиати зиёд меорад;
- таҳлил ва арзёбии вазъи муосири фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки бовуҷуди пешравиҳо ҳанӯз мушкилоти зиёд дар самти ҷалби сармоягузории ватанӣ ва хориҷӣ, истифодаи технологияҳои муосир, кифоягии маблағгузории худӣ ва ғайра ҷой доранд;
- таҳқиқ ва баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар аксари ин корхонаҳо ба масъалаи идоракунии хавфҳо диққат дода намешавад, ки ин боиси афзудани зарари моддӣ ва молиявӣ мегардад;

- аз таҳлил ва арзёбии чараёни суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии ватанӣ маълум гардид, ки ин корхонаҳо ба суғуртакунӣ таваччуҳ надоранд, ки ин сабабҳои гуногун дошта, аз сатҳи рушд ва нуфузи ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ сахт вобаста мебошад;

-омӯзиши адабиёти мухталиф ва таҳлили вазъи муосири корхонаҳои саноати бофандагии ватанӣ имкон дод, ки модели суғуртакунии хавфҳо дар ин корхонаҳо таҳия карда шавад;

-дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда оид ба такмили усулҳои баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои амалӣ таҳия карда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти илмии мустақилона мебошад. Саҳми шахсии муаллиф аз ҷамъбасти умумӣ, банизомдарорӣ, аниқсозӣ ва пуррагардонии нуктаҳои назари назариявӣ ва амалӣ оид баҳодиҳи ва суғуртакунии хавфҳо бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти корхонаҳои саноати бофандагӣ иборат мебошад. Дар заминаи ҷамъбасти умумӣ-назариявӣ ва таҳлили комплексӣ, низоми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии корхонаҳои саноати бофандагӣ кор карда баромада шудааст. Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқотро дар вақти таҳияи асосҳои назариявӣ ва методӣ оид ба беҳтар кардани усули суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсадҳо ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шудаанд, усулҳои зерин истифода шуданд: системавӣ, таҳлилӣ, монографӣ, иқтисодӣ-оморӣ, баҳодиҳии иқтисодӣ, усули муқоисавии таҳлил ва ғайра.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро** масъалаҳои бунёдии баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар асарҳои муаллифони хориҷӣ К.Г. Воблог, Д.С. Гохман, Е.В. Коломин, В.Ф. Коншин, Л. Мотылев, П. Никольский, А.П. Плешков, В. Райхер, Л. Рейтман, М. Шерменев ва дигарон таҳқиқ шудааст.

Ҷиҳатҳои алоҳидаи идоракунии хавфҳо, аз ҷумла суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноатӣ дар асарҳои олимони ватанӣ, монанди Ғ.Д. Ашуров, М. Кабутов, С.Д. Комилов, Т.Н. Назаров, Р.К. Раҷабов, З.А. Раҳимов, З.С. Султонов, Н. Шарифов, А.А. Ҷабборов, Я.Н. Юлдошев ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Як гуруҳ олимони ватанӣ ба монанди Г.Ш. Алиева, А.Ҷумъаев, Ф.Қаюмова, Ф.А. Қодиров, С. Комилов, Т. Низомова, Ҷ. Раҳмонов, М.Қ. Файзуллоев, Р. Фаррухӣ дар доираи саноати сабук оиди баҳодиҳии хавф

ва суғуртакунонии фаъолияти соҳибкорӣ ақидаҳои худро ифшо намудаанд.

Аммо бояд гуфт, ки масъалаҳои илмии омӯзиши ҷиҳатҳои гуногуни баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳои корхонаҳои саноатӣ баҳсталаб мебошанд. Масъалаҳои ҷорӣ намудани низоми суғуртакунӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин воситаҳои идоракунии хавфҳо барои корхонаи саноатӣ аз нуқтаи назари суғуртакунандагон то имрӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва хулосаҳои дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот бадастомада дар шакли маъруза дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ дар солҳои 2012-2022 дар шаҳрҳоии Душанбе, Москва пешниҳод карда шуданд.

Натиҷаҳои диссертатсияро дар ҷараёни таълими фанҳои зерин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст: суғурта, идоракунии хавфҳо, молияи корхонаҳо, иқтисодиёти корхона, асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра.

**Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** тибқи талаботи шаҳодатномаи КОА- назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи **08.00.04.01- Иқтисодиёти саноат ва энергетика** мутобиқат мекунад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти дисссертатсионӣ 16 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 6 ҷузъи чопӣ (4,5 ҷ.ч. аз муаллиф) нашр гардидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақола дар конфронси байналмилалии илмӣ - амалӣ дар Федератсияи Россия чоп карда шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз таҳияи заминаи назариявӣ-методологӣ ва тавсияҳои амалӣ иборат мебошад, ки барои такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳии хавфҳо ва суғуртакунии онҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

Натиҷаҳои муҳимтарине, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст оварда шуданд ва дорои хусусияти навгонӣ мебошанд, инҳо ба шумор мераванд:

- дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методӣ моҳияти иқтисодии мафҳумҳои "хавф", "хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ" ва "суғуртакунии хавфҳо" кушода шуда, назари муаллиф дар алоҳидагӣ таҳия гардидааст. Ба андешаи муаллиф, хавф - ин ҳолати номуайянӣ, номувофиқатии натиҷаи воқеӣ аз нақшаи пешбинишуда, эҳтимоли гирифтани ё зарар ё фоида мебошад. Аз нигоҳи мо, хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ - ин эҳтимоли ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои ногаҳонӣ дар ҳамаи самтҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бофандагӣ дар шароити номуайянӣ

буда, тамоил нисбат ба нақшаи пешбинишуда мебошад, ки натиҷааш ё мусбат ё манфӣ мешавад. Суғуртакунии хавфҳо - ин усули интиқоли хавфҳо аз суғурташаванда ба ташкилоти суғуртавӣ буда, манфиатҳои молу мулкии корхонаҳоро аз хавфҳои гуногун ҳимоя карда, ҷуброни зарари суғуртавиро дар доираи шартномаи суғурта кафолат медиҳад;

- дар заминаи омӯзиши адабиёти гуногун таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ аз рӯи нишонаҳои гуногун, бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ, пешниҳод карда шудааст. Қайд шудааст, ки хавфҳои асосии корхонаҳои мазкур инҳо мебошанд: истеҳсолӣ; тиҷоратӣ; нақлиётӣ (логистикӣ); сармоягузорӣ; молиявӣ; сиёсӣ; асъорӣ; таваррумӣ; қарзӣ, техникӣ, инноватсионӣ; экологӣ.

- муайян карда шудааст, ки баҳодиҳии хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси усулҳои гуногуни микдорӣ ва сифатӣ ба роҳ монда мешавад. Хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ бо истифода аз усулҳои оморӣ, таҳлили муқоисавӣ, баҳодиҳии ташхисӣ, баҳодиҳии экспертӣ баҳогузорӣ карда шудааст;

- сатҳ ва эҳтимоли бавуҷуд омадани хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои суғуртакунии онҳо дар шароити номуайянӣ ва зудтағйирёбанда таҳлил ва баҳогузорӣ карда шуда, муайян карда шудааст, ки масъалаи баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои мазкур ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст;

- омӯзиши адабиёти мухталиф ва таҳлили вазъи муосири корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки методикаи баҳодиҳии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ дар асоси равиши эҳтимолият такмил дода шавад, ки он имкон медиҳад хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ, бо назардошти омилҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ, дар маҷмӯъ муайян ва чен карда шаванд.

- дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда оид ба такмили усулҳо ва механизми баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои амалӣ таҳия карда шуда, амсилаи иқтисодӣ-риёзии рушди соҳаи саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуайянӣ ва хавфҳо таҳия карда шудааст.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗУЪ:

**А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:**

1. [М 1]. Хайруллоев Ф.Н. Хавфҳои лоиҳаҳои инвеститсионӣ: таҳлил ва усулҳои баҳодиҳӣ [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2021, №1 (35) - С.209-214. ISSN 2308054-X. (0,37 ҷ. ч.)

2. [М 2]. Хайруллоев Ф.Н. Роҳҳои идоракунии хавфҳо ва идоракунии онҳо дар корхонаҳои саноатӣ [Матн] / / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2020. №1(35).- С.64-64. ISSN 2308054- Х. (0,25 ҷ.ч.)

3. [М 3]. Хайруллоев Ф.Н. Гурӯҳбандии хавфҳо ва сабаби пайдоиши он [Матн] / / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2020. №1(35).- С.132-139. ISSN 2308054- Х. (0,50 ҷ.ч.)

4. [М 4]. Хайруллоев Ф.Н. Таснифи хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ [Матн] / / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2020. №4\2(34).- С.236-243. ISSN 2308054- Х. (0,5 ҷ.ч.)

5. [М 5]. Хайруллоев Ф.Н. Роҳҳои кам кардани хавфҳо дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми ахбори Академияи Миллии илмҳои Тоҷикистон, 2022. №1 (22)- С.132-136. ISSN 2791-2639. (0,31 ҷ.ч.)

6. [М 6]. Содиқов Р.Х., Хайруллоев Ф.Н. Ташкили системаи суғуртакунии хавфҳо дар корхонаҳои саноатӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2018. №4-2(25). - С. 95-102. ISSN 2308054-Х. (0,43 ҷ.ч. Ҳиссаи муаллиф 0,25 ҷ.ч.).

7. [М 7]. Хайруллоев Ф.Н. Моҳияти суғуртакунии хавфҳои бонкӣ [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2018. №2 - С.125-131. ISSN 2308-054Х. (0,37 ҷ.ч.)

8. [М 8]. Хайруллоев Ф.Н., Қаландаров И.Э., Абдулфайзов А.А. Идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев., Қаландаров И.Э., Абдулфайзов А.А. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2017. №1 (28) - С.113-118. (0,37 ҷ.ч.)

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА, КИ БА МАВЗУЪ ВОБАСТА НЕСТАНД:

### Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:

9. [М 9]. Усмонова М.А., Сулейманова Х.Р.,Хайруллоев Ф.Н. Основы управления качеством продукции пишевой промышленности [Текст]/ Усмонова М.А., Сулейманова Х.Р.,Хайруллоев Ф.Н. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2018. №2 - С.125-131. ISSN 2308-054X. (0,43 ҷ.ч.)

### В) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:

10. [М 10]. Хайруллоев Ф.Н. Таснифи хавфҳо: аососнокунии аломатҳо ва таҳияи амсила [Матн] / Ф.Н. Хайруллоев // Паёми Донишгоҳи

технологии Тоҷикистон, 2019. №3 (38) - С.110-115. ISSN 2308-054X. (0,37 ҷ.ч.)

11. [М 11]. Қаландаров И.Э., Абдулфайзов А.А., Хайруллоев Ф.Н. Аҳамияти сармоягузориҳо ба рушди фаъолияти соҳибкории хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ [Матн] / Қаландаров И.Э., Абдулфайзов А.А., Хайруллоев Ф.Н.// Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, 2019. №2 (37) - С.121-125. ISSN 2308-054X. (0,31 ҷ.ч.).

12. [М 12]. Хайруллоев Ф.Н. Инвеститционые риски и пути их минимизации Республике Таджикистан [Текст]/ Ф.Н. Хайруллоев // Материалы международной научно-практической конференции «Обеспичение продовольственной безапасности и качества продуктов первой необходимости в условиях деятельности Республики Таджикистан во всемирной тарговой организации и таможенного союза » (май 2016 г. Душанбе). - Душанбе: ДТТ, 2016- С. 149-153. (0,31 п.л.)

13. [М 13]. Хайруллоев Ф.Н. Моҳият ва аҳамияти суғуртакунонии хавфи бонкӣ [Матн]/ Ф.Н. Хайруллоев. // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои таъмини самаранокии ҳамбастагии илм ва истеҳсолот» (20-21 ноябри соли 2020). - Душанбе: ДТТ, - С. 219-224 (0,37 ҷ.ч)

14. [М 14]. Хайруллоев Ф.Н., Қаландаров И.Э. Идоракунии хавфҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ [Матн]/ Ф.Н. Хайруллоев., И.Э. Қаландаров // Маводи конференсияи илмӣ- амалӣ «Саҳми олимони ҷавон дар рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (май 2017 ш. Душанбе). - Душанбе: ДТТ, - С. 162-165 (0,25 ҷ.ч)

15. [М 15]. Хайруллоев Ф.Н., Қаландаров И.Э. роль и сущность инвеститционые риски и пути их минимизации Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Хайруллоев., И.Э. Қаландаров // Современные иследования проблем управления кадроаыми ресурсами «Сборник научных статей по результатам и международной научно- практическойконференции (2017 г). Москва: МИРЭА «МТУ», - С. 440-446 (0,37 п.л.)

**Дар ҳайати Шӯрои олимони факултети иқтисодиёт ва молия иштирок карданд:**

н.и.и.,и.в.проф. Тошматов М.Н., д.и.и., проф. Усмонова Т.Ҷ. н.и.и.,и.в. проф. Шобеков М.Ш., н.и.и., дотсент Сатторов А.А., н.и.и. дотсент Содиқов Р.Ҳ., н.и.и.,дотсент Ҳасанов А.Р., н.и.и.,дотсент Қиёмидинов Ҳ., н.и.и.,дотсент Дарингов Қ.П., н.и.и. и.в. дотсент Шарипов Ш.Р., н.и.и. и.в. дотсент Собирҷонов А.С., н.и.и. и.в. дотсент Рашидова Д.Ҷ., муаллими калон Қаландаров И.Э., муаллими калон Султонов А.Н.

Ба Шӯрои олимони факултет д.и.и.,проф. Султанов З.С. н.и.и.,дотсент Бекмуродов С.Ш., доктор PhD Сафоев Ҳ.С., доктор PhD Яқубзода М.С., доктор PhD Авғонов Н.А. даъват гардида, ширкат намуданд.

**Муҳокимаи унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. аз ҷониби Шӯрои олимони ФИМ** ( як қисми саволҳои пешниҳодшуда ба унвонҷӯро мо дар инҷо ҷой додаем)

Савол н.и.и., и.в. проф. Тошматов М.Н. Кадом тавсияҳои методӣ оиди такмили усулҳои баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳо дар кор истифода бурдаед?

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. мо дар кор чунин тавсияҳои методӣ оиди такмили усулҳои баҳодиҳӣ ( миқдорӣ ва сифатӣ) ва суғуртакунии хавфҳоро истифода намудаем.

1. Таҳлили нуқтаи назари гуногун оид ба моҳияти категорияи иқтисодии «суғурта» ва муайян кардани мафҳуми «таваккал».
2. Муайян кардани моҳият ва ҷои хавфҳои тиҷоратӣ дар таснифи умумии тамоми маҷмӯи хавфҳои вуҷуддошта.
3. Муайян кардани мафҳуми «суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ» ва хусусиятҳои хоси он ва ҷойгоҳи ин намуди суғурта дар доираи таснифи умумии муносибатҳои суғурта барои объекти суғурта.
4. Таҳлили сатҳи ҷории рушди суғуртаи хавфи тиҷорат дар корхонаҳои саноати бофандагии Тоҷикистон.

Савол н.и.и., и.в. проф. Тошматов М.Н. Агар Шумо дар кор тавсияҳои методӣ оиди такмили усулҳои баҳодиҳӣ ва суғуртакунии хавфҳоро истифода бурдабошед ба кадом натиҷаҳои назаррас мерасед?

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. мо ба чунин натиҷаҳои назарррас дар корхонаҳои саноати бофандагӣ мерасем.

1. Моҳияти хавфҳои тиҷоратӣ ва молиявӣ равшан карда шуда, фарқиятҳо ва алоқамандии ин хавфҳо ошкор карда мешаванд.
2. Моҳияти иқтисодии манфиатҳои амволиеро, ки ҳамчун объекти суғурта дар суғуртаи хавфҳои корӣ баромад мекунанд равшан карда мешавад.
3. Муносибати муаллифӣ ба таснифи суғуртаи хавфҳои тиҷоратӣ пешниҳод карда мешавад.
4. Вазъи кунунии суғуртаи хавфҳои соҳибкорӣ дар корхонаҳои саноати бофандагии Тоҷикистон таҳлил намуда, тамоюлҳои асосии рушди онро муайян кардан имкон дорад ва ғайра.

Савол н.и.и., дотсент Бекмуродов С.Ш.Нишондиҳандаҳое,ки дар асоси онҳо модел сохта шудааст.

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. Нишондиҳандаҳои асосӣ ин омили таъсирасон ба хавф мебошанд, аз ҷумла X1,X2,X3,X4 ва ғайра.

Савол н.и.и., дотсент Бекмуродов С.Ш. SWOT таҳлиро дар кор бо кадом мақсад истифода бурдаед?

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. барои муайян намудани тарафҳои мусбат ё пуркувват, тарафҳои суст, имкониятҳо,хавфҳо дар корхонаҳои саноати бофандагӣ.

Савол д.и.и.,проф. Усмонова Т. Ҷ. як навгонии назаррастонро дар диссертатсия шарҳ диҳед?

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. дар асоси омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оиди баҳодиҳӣ ва суғуртакунии корхонаҳои саноати бофандагӣ муайян карда шуд, ки дар корхонаҳои миёна ва калони саноати бофандагии ватанӣ ташкил кардани шуъбаи идоракунии хавфҳо манфиати зиёд меорад.

Савол д.и.и.,проф. Усмонова Т. Ҷ. кадом равишҳои методологии муайян кардани хавфҳоро дар кор истифода намудаед?

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. мо дар кор асосан се равиши методологии муайян намудани хавфҳоро истифода намудаем.

1. Аз нуқтаи назари натиҷаҳои молиявӣ.
2. Аз нуқтаи назари эҳтимоли калавиш аз рафти ҷараёни пешбинишуда.
3. Аз нуқтаи назари эҳтимоли пайдоиши ҳодисаҳои номатлуб.

Савол н.и.и., и.в. проф. Шобеков М.Ш. Фарқияти таҳқиқоти Шумо нисбати навтарин диссертатсияҳои бо ҳамин соҳа ҳимояшуда аз чӣ иборат аст?

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. мо дар кори худ бештар ба чунин масъалаҳо аҳамият додаем,ки дар кори дигарон дида намешаванд:

- баҳодиҳии хавҳои хоҷагидорӣ дар корхонаҳои саноати сабук;
- ҳисобҳое,ки оид ба пешгирии хавфҳо ва кам кардани зарар;
- хусусиятҳои хоси корхонаҳои саноати сабукро ба инобат гирифтем.

Савол н.и.и., дотсент Сатторов А.А. навгониҳои илмии кори Шумо кадомҳоянд.

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. Натиҷаҳои муҳимтарине, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст оварда шуданд ва ба ҳимоя баровarda мешаванд, инҳо мебошанд:

- дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методӣ моҳияти иқтисодии мафҳумҳои "хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ" ва

“суғуртакунии хавфҳо” кушода шуда, таърифи ин мафҳумҳо аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст;

- дар заминаи омӯзиши адабиёти гуногун таснифи хавфҳои корхонаҳои саноати бофандагӣ аз рӯи нишонаҳои гуногун, бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ, пешниҳод карда шудааст;

Савол н.и.и., дотсент Сатторов А.А. оё Шумо дар кор таҷрибаи ягон корхонаҳои саноатии бофандагии хориҷиро истифода намудаед?

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. Мо дар кор ба қадри имкон таҷрибаи хориҷии коронаи нассоҷии Бангладеш,ки дар фаъолияти худ 4 намуди суғуртакуниро истифода месозад, истифода намудаем, инчунин корхонаҳои саноати бофандагии Узбекистон, Туркияро низ ба қадри имкон истифода намудаем.

Савол н.и.и.,и.в. дотсент Собирҷонов А.С. кадом методикаи муайян намудани хавфҳои корхонаҳои саноатӣ бофандагӣ дар кор истифода намудаед?

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. асосан мо дар кор чунин методҳоро барои муайн намудани хавфҳо истифода намудаем:

- методикаи таҳлили хавфҳо дар асоси ҳисобкунии хароҷоти корхона ва таҳлили ҳассосият;
- методикаи таҳлили хавфҳо дар асоси моделсозӣ;
- методикаи таҳлили хавфҳои сармоягузорӣ.

Савол н.и.и.,и.в. дотсент Шарипов Ш.Р. кадом усулҳои баҳодиҳии хавфҳоро дар корхонаҳои саноати бофандагӣ истифода намудаед?

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. дар диссертатсия мо барои баҳодиҳии хавфҳо чунин усулҳоро истифода намудаем.

1. Ошкоркунӣ.
2. Таҳлил ва баҳодиҳӣ.
3. Интихоби усули таъсиррасон ба ин хавфҳо.
4. Дар амал татбиқ намудани ин усулҳо.
5. Хулосабарорӣ ва қабули қарори нав.

Савол н.и.и., дотсент Дарингов Қ.П.дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораки корхонаҳои саноати бофандагӣ дар давоми истиқлолият кам шудааст ё баръакс?

Ҷавоб унвонҷӯ Хайруллоев Ф.Н. аз руи маълумотҳои ба даст овардаи мо дар замони истиқлолият шумораи корхонаҳои истеҳсолиии саноати бофандагӣ зиёд шудаанд, аз ҷумла дар соли 2021 шумораи ин корхонаҳо ба 397 адад расидаанд вале ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати бофандагӣ нисбати солҳои бештар қариб як баробар кам шудааст.

Раиси Шурои олимони факултети
иқтисодиёт ва молияи ДТТ
н.и.и., дотсент Сатторов А.А.

Котиби илмии Шурои олимони
факултети иқтисодиёт ва молияи ДТТ
доктор PhD Сафоев Ҳ.С.

Муқарриз
н.и.и.,дотсент. муовини ректори ДТТ
оид ба инноватсия ва технологияҳои
таълимӣ Ғафоров Ф.М.

Муқарриз
н.и.и.,дотсент. сардори шуъбаи
магистратураи ДТТ Рабиева Т.М.

Муқарриз
д.и.и., проффесори кафедраи молия ва
қарзӣ Донишгоҳи славянии Россиву
Тоҷикистон Султанов З.С.

имзои д.и.и., проффесор Султанов Зубайдулло Султановичро тасдиқ мекунам.

н.и.ф.,дот. Сардори шуъбаи кадрҳои ва корҳои
махсуси Донишгоҳи славянии Россиву
Тоҷикистон Раҳимов А.А.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДТТ Бухориев Н.А.
«___»____________ 2022 с.